**3608/9.1 аз 31.03.2015**

________________________________________
(ташкилот ва ширкатҳои хизматрасон дар соҳаи алоқаи барқӣ, тибқи рӯйхат)

Нусха: Мақомоти ҳудудии андоз

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шуморо огоҳ менамояд, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 18.03.2015, №1188 ба қисми 4 моддаи 200 Кодекси андоз тағйирот ворид гардида, рақами «3» ба рақами «5» иваз карда шуд. Яъне, меъёри андози аксиз барои намудҳои алоҳидаи хизматрасонӣ дар соҳаи алоқаи барқӣ 5 фоиз муқаррар гардидааст.

Қисми 2 моддаи 2 Қонуни мазкур мавриди амал қарор додани тағйироти воридгардидаро аз санаи 01.01.2015 пешбинӣ менамояд.

Бо назардошти талаботи моддаи 45 Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қисми 3 моддаи 63 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» тағйироти ба қисми 4 моддаи 200 Кодекси андоз воридгардида аз санаи 19.03.2015 мавриди амал қарор мегирад.

Ба мақомоти ҳудудии андоз супориш дода мешавад, ки мактуби мазкурро на дертар аз санаи 01.04.2015 ба андозсупорандагоне, ки дар соҳаи алоқаи барқӣ фаъолият менамоянд дастрас намоянд.

Раис Н.Давлатзода